«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С. ______________
«_5_» ___05___________ соли 2026

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Файзуллозода Айнулло Қудратулло дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Файзуллозода Айнулло Қудратулло унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Файзуллозода Айнулло Қудратулло соли 2010 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дохил шуда, онро соли 2015 бо дипломи аъло хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 12 сентябри соли 2024 таҳти №314-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ, аз 27 апрели соли 2026, таҳти №141 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз 30 сентябри соли 2024, таҳти №2 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Назаров Аваз Қувватович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсияи Файзуллозода Айнулло Қудратулло дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 30 апрели соли 2026, таҳти №9 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳои мавҷуда барои пешниҳод ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Файзуллозода Айнулло Қудратулло дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Файзуллозода Айнулло Қудратулло дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мутобиқат мекунад.

1. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи

криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2030 анҷом дода шудааст.

**2. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 7 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 3 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои бадастомада ба рушди тасаввуроти илми криминалистика мусоидат мекунад. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки хулосаҳои назариявиро, ки дар натиҷаи таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд, метавон дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии тафтиши ҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти қонунгузорӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавонанд истифода карда шаванд. Ғайр аз ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот ҷиҳати мукаммалгардонии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти пешгирӣ намудани ҷинояткорӣ, дар шароити ҷаҳонишавӣ истифода бурда шаванд. Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар фаъолияти омӯзгорӣ барои таълими фанҳои таълимии «Криминалистика», «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва «Криминология», ҳамзамон барои гузаронидани

семинарҳо, конфронсҳо ва «мизҳои мудаввар»-и илмӣ ва корҳои амалӣ муфид хоҳанд буд.

**3. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи номзадии Файзуллозода Айнулло Қудратулло дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса» мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми криминалистика аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад.

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бо иштироки бевоситаи ӯ дар таҳқиқот, пешниҳоди ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, ҳамчунин ба баланд бардоштани сатҳи навгониҳои илмии таҳқиқот, ки дар ҳимояи диссертатсия пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ тасдиқ мешаванд. Ҳамчунин, пешниҳодҳои нави илмӣ ва усулҳои амалии барои рушди соҳа дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муҳим аст.

Дар раванди таҳқиқот муаллифи диссертатсия дар бораи тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва унсурҳои он ба таври амиқ маълумот додааст. Дар рисола хусусият ва асосҳои тактикии азназаргузаронии ҷои ҳодисаро тавсиф кардааст. Илова бар ин, диссертант тавсияҳоеро барои такмил додани қонунгузорӣ ва беҳтар кардани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ки ба тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса дахл доранд, пешниҳод намудааст.

Таҳқиқоти мазкур бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои пасошуравӣ ба роҳ монда шудааст. Нововарии илмии таҳқиқот дар асосҳои назариявӣ ва илмӣ-амалии дар сатҳи монография таҳияшуда оид ба тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса, ки дар асоси омӯзиши ҳамаҷонибаи мушкилоти тафтишоти пешакӣ ба роҳ монда шудаанд,

инъикос ёфта, вазифаи умумии он аз таъминоти тавсияҳои криминалистикии ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ иборат аст.

Дурустӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо маҷмуи маълумоти таҷрибавии ҳангоми таҳияи рисола муайян карда мешавад: маълумоте, ки аз бойгонии судҳои шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғд ва Хатлон дар бораи хусусиятиҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса, инчунин истифодаи усулҳои қаблан дар таҳқиқоти илмӣ барои ҷамъоварӣ, таҳлил ва тафсири маълумот оид ба намуди муайяни азназаргузаронии тафтишӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса; далелҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, ки дар асоси онҳо хулосаҳои ниҳоӣ асос ёфтаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба мавзуъ ва объектҳои таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои гузошташуда мувофиқат мекунанд. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Файзуллозода А.Қ., Назаров А.Қ. Понятие, сущность и значение осмотра места происшествия [Текст] / А.К. Файзуллозода, А.Қ. Назаров // Юридический вестник. – 2024. – № 3(19). – С. 63-70. ISSN 2790-7570.

**[2-М].**Файзуллозода А.К. Внедрение новейших техникокриминалистических средств в практику осмотра места

происшествия [Текст] / А.К. Файзуллозода // Государствоведение и права человека. – 2023. – № 4(32). – С. 252-264. ISSN 2414 9217.

[3-М]. Файзуллозода А.Қ. Асосҳои илмӣ-методологии азназаргузарониичои ҳодиса дар илми криминалистика ва нақши он дар таъмини самаранокии тафтиши ҷиноят [Матн] / А.Қ. Файзуллозода // Маҷалаи давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2026. – № 2 (42). –С. 409-416. ISSN 2414 9217.

[4-М]. Файзуллозода А.Қ. Истифодаи усулҳои муосири криминалистикӣ дар раванди ҷои ҳодиса [Матн] / А.Қ. Файзуллозода // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2026. –том-2, № 2(56). –С. 470-487. ISSN 2709-6246.

[5-М]. Файзуллозода А.Қ., Давлатов Б.С. Азназаргузаронии ҷои ҳодиса ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ: масъаллаҳои амалӣ ва назариявӣ [Матн] / А.Қ. Файзуллозода, Б.С. Давлатов // Ахбори Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ-иттилоотии ҳуқуқӣ). – 2026. – № 1(1). – С. 397-404. ISSN 2709-6246.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

[6-М]. Файзуллозода А.К. Криминалистические исследования осмотра места проишествия [Текст] / А.К. Файзуллозода // Материалы международной конференции посвященной 100-летию В.А. Ойгензихта «Правовое регулирование туризма инвестирования в Республике Таджикистан». – Душанбе, 2024. – С. 195-205.

[7-М]. Файзуллозода А.Қ. Мафҳум, принсип ва вазифаҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса [Матн] / А.Қ. Файзуллозода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуъи «Зеҳни сунъӣ дар шароити иқтисодии рақамӣ ва нақши он ба рушди соҳибкорӣ» дар ҳошияи қатъномаи маҷмаи умуии СММ «Нақши зеҳни сунъӣ дар

фароҳам овардани имконияти навин барои рушди устувор дар Осиёи марказӣ» аз 25 июли соли 2025 бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълони солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисодӣ ва инноватсия ” (24-уми октябри соли 2025)». – Душанбе, 2025. – С. 272-276.

**[8-М].** Файзуллозода А.Қ. Аҳамияти вазифа ва принсипҳои азназаргузаронии ҷои ҳодиса [Матн] / А.Қ. Файзуллозода // Ҳуқуқи инсон ва мушкилоти замони муосир: Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-умин солгарди таъсисёбии СММ, эълони солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисодӣ ва инноватсия» ва қабул гардидани қатъномаи маҷмаи умуии СММ зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконияти навин барои рушди устувор дар Осиёи марказӣ» (05-уми декабри соли 2025). – Душанбе, 2025. – С. 565-574.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Файзуллозода Айнулло Қудратулло дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ кори тақиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Файзуллозода Айнулло Қудратулло дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-043-и назди Академияи вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, санаи 30 апрели соли 2026, таҳти №9 қабул шуд.

Иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 13 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раискунандаи ҷаласа:**
**профессори кафедраи криминалистика**
**ва фаъолияти экспертизаи судии**
**факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ.** **Ямоқова З.Д.**

**Котиби ҷаласа:**
**дотсент, н.и.ҳ** **Раҳмон С.С.**

**Имзоҳои Ямоқова З.Д. ва Раҳмон С.С.-ро**
**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**
**«30» апрели 2026 с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj